**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)**

Рушди устувори муносибатҳои бозорӣ талаб менамояд, ки низоми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба равандҳои муосир мутобиқ гардонида шавад. Идоракунии самаранок ва шаффофи молияи давлатӣ шарти муҳимтарин барои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, рушди устувори иқтисодӣ, таҷдиди иқтисодиёт ва соҳаҳои иҷтимоӣ, ноил шудан ба дигар ҳадафҳои стратегии рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат мебошад. Асоси молиявии мақомоти маҳаллиро буҷети маҳаллӣ ташкил медиҳад, ки дар болобардории сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва таъмини рушди иқтисодиёти маҳаллӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Аз ин рӯ, барои беҳтар кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ, рушди низоми иқтисодӣ, пешрафт дар соҳаи иҷтимоӣ ва ба даст овардани натиҷаҳои баланд омӯзиши масъалаи мазкур муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҳамин аст, ки муаллиф дар таҳқиқоти худ ҳангоми омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзуи таҳқиқшаванда, назари олимонро оид ба моҳияти идоракунии молияи давлатӣ ҷамъоварӣ карда, ақидаи муаллифии худро баён кардааст. Аз нигоҳи муаллиф, идоракунии молияи давлатӣ навъи фаъолиятест, ки ташаккул ва истифодаи захираҳои молиявии давлатро, ки барои иҷрои вазифаҳои мақсадноки давлатӣ заруранд, таъмин намояд (ҷадвали 1, саҳ. 9).

Маълум аст, ки фаъолияти идоракунии молияи мақомоти ҳокимияти маҳаллии давлатӣ тавассути механизмҳои мувофиқ сурат мегирад. Муаллиф ба тавсифи моҳияту сохтори механизми идоракунӣ таваҷҷӯҳи хоса дода, механизмро ҳамчун маҷмӯи тарзу услуб ва унсурҳои таъсирасонӣ ба раванди коркарду қабули қарорҳои идоракунӣ муайян намудааст. Вобаста ба ин, докторант сохтори механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллиро дар шакли расм пешниҳод намудааст (расми 1, саҳ. 10).

Яке аз навгониҳои довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар раванди таҳқиқот ин гузаронидани таҳлили ҳолати муосири иҷтимоӣ-иқтисодии рушди вилояти Хатлон аст, ки нишондиҳандаҳои буҷети маҳаллӣ, нақши он дар низоми молиявии минтақавӣ ва механизмҳои идоракунии қисмати даромад ва хароҷоти онро арзёбӣ намуда, қайд мекунад, ки даромади буҷети вилояти Хатлон дар давоми солҳои 2017-2022 1228,3 млн. сомонӣ афзудааст. Аз ин бармеояд, ки ҳиссаи даромадҳои андозӣ дар сохтори ташаккули буҷети маҳаллӣ қобили мулоҳиза аст (диаграммаи 1, саҳ. 14).

Дигар ин ки бо мақсади арзёбии механизмҳои идоракунии хароҷоти буҷети вилояти Хатлон, сохтори хароҷоти буҷети маҳаллиро мавриди таҳлил қарор дода, ба хулосае омадааст, ки идоракунии хароҷоти буҷетӣ маҳаллӣ ба рушди сармояи инсонӣ нигаронида шудааст (ҷадвали 5, саҳ. 15-16).

Дуруст аст, ки дар минтақаҳо яке аз муаммоҳои асосӣ такмил додани татбиқи принсипи барномавии мақсаднок ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, муаллиф дар таҳқиқоти худ пешниҳод менамояд, ки мақомоти ҳокимияти маҳаллии давлатӣ фаъолиятро оид ба таҳияи барномаҳои мақсадноки сатҳи маҳаллӣ идома дода, татбиқи чунин барномаро ҳамчун воситаи баландбардории сифати идоракунии молияи маҳаллии давлатӣ ба роҳ монанд. Илова бар ин, довталаб дар хароҷоти буҷети маҳаллӣ такмили механизмҳои идоракунии барномавӣ-мақсаднокро зарур root дониста, дар шакли расм пешниҳод кардааст, ки боиси дастгирист (расми 4, саҳ. 22).

Аз мазмун ва мундариҷаи автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо бомуваффақият ҳал намудааст. Бояд қайд намуд, ки маълумотҳо ва таҳлилҳои дар автореферати Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич пешниҳодшуда, қобили дастгирӣ мебошанд.

Дар қатори дастовардҳои илмию амалии муҳимми автореферати диссертатсия, ҳамзамон хубтар мешуд, агар муаллиф пешниҳоди зеринро ба назари эътибор мегирифт: Хуб аст, ки дар автореферати диссертатсия (расми 3, саҳ. 21) муаллиф самтҳои такмили банақшагирӣ ва амали механизмҳои идоракунии буҷети маҳаллиро тартиб додааст. Вобаста ба ин, хуб мебуд, ки оиди масъалаи мазкур дар автореферат маълумоти нисбатан пуратарро ҷой медод.

Новобаста аз пешниҳоди ҷойдошта автореферати диссертатсияи тақризшаванда таҳлили илмии худро ёфта, хулосаю пешниҳодҳо асоснок карда шуда, муаллиф мустақилона доир ба такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон тавсияҳои методиро пешниҳод намудааст.

Хулоса, ҳангоми таҳлил ва баррасии автореферати диссертатсия қайд кардан бамаврид аст, ки диссертатсияи Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050704, саромӯзгори кафедраи молияи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Гулов Б.М.

*Дурустии имзои Гулов Б.М.-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Исозода Т.И.

***Суроға:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон вилояти Хатлон,*
*735140, ш. Бохтар кӯчаи Айнӣ, 67*
*Тел: +(992)3222-2-54-81, +(992)3222-2-22-53,*
*E-mail: bgu-1978@mail.ru, www.btsu.tj*